**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-020**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 06.02.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» – **Муъминҷонов Зулфиддин**, номзади илмҳои филологӣ, котиби илмии Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – **Абдуллоева Машҳура Нематовна**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Муродӣ Мурод, Муқимов Муҳамадӣ ва Саъдуллоев Ҷамшедро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Расулзода Комрон Бахтиёр

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Расулзода Комрон Бахтиёр дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашрияҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо», солҳои 2018-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Расулзода Комрон Бахтиёр дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Расулзода Комрон Бахтиёр аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ч.

06.03.2025.